ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-032 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» ба диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ

- Мавзуъи кори илмӣ, мухтавои диссертатсия ва автореферати Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи «Баҳодиҳиии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ ба ихтисос ва соҳаи илме, ки ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-032 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» барои қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

- Мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшудаи 14.02.02 – Вогиршиносӣ, зербанди 3.1. – Қонуниятҳои пайдоиш ва хусусиятҳои паҳншавии раванди эпидемии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ барои ошкор намудани сабабҳо, шартҳо ва механизмҳои инкишофи он, зербанди 3.5. – Такмили назорати эпидемиологии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ, сохтани қолабҳои биологӣ ва математикии раванди эпидемӣ, таҳияи чорабиниҳои (воситаҳои) зиддиэпидемӣ, инчунин шаклҳои нави таъминоти зиддиэпидемӣ (профилактикӣ)-и аҳолӣ, зербанди 3.7. – Таҳия ва такмили чораҳои (воситаҳои) зиддиэпидемӣ, инчунин шаклҳои нави таъминоти зиддиэпидемӣ (профилактикӣ)-и аҳолӣ мувофиқ аст.

- Мухтавои диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, алалхусус ба амалишавии «Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» вобаста мебошад.

- Мухтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб мукаммал инъикос ёфтааст. Аз рӯйи маводи диссертатсия 9 кори чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 Дастурамали методӣ “Оиди ҳамкорӣ байни Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар якҷоягӣ бо хадамоти зиддисилӣ ва КАТС дар манбаъҳои сирояти силӣ” дар ҳаҷми 59 саҳифа нашр карда шуданд. Нашри натиҷаҳои

асосии диссертатсия ба талабот мувофиқат мекунад.

- Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсия бо ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда мешавад. Хулосаву тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои омӯзиши муқоисавии дараҷаи беморшавӣ, фарогирӣ бо муоина ва омилҳои минтақавии хатари инкишофи бемории сил дар байни шахсони иртиботдошта дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон асоснок карда шудаанд.
- Масъалаи қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-032 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» мусбӣ арзёбӣ карда мешавад.
- Барои **муқарризони расми олимони** зерин пешниҳод карда мешаванд:

  Одинаев Ниёз Сафарович – доктори илмҳои тиббӣ аз руйи ихтисоси 14.02.02. - Вогиршиносӣ (профессори кафедраи вогиршиносӣ ва бемориҳои сироятии МДТ "Донишгоҳи миллии Тоҷикистон");

  Солиев Алиҷон Азимҷонович – номзади илмҳои тиббӣ аз руйи ихтисоси 14.02.02. - Вогиршиносӣ (муовини директори муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгири ва мубориза бар зидди бемории ВНМО").

  Барои **муассисаи пешбари эҳтимолӣ МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломӣ дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** пешниҳод карда мешавад.
- Пешниҳод карда мешавад, ки барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" иҷозат дода шавад.
- Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи «Баҳодиҳии

муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Одинаев Ниёз Сафарович – доктори илмҳои тиббӣ (профессори кафедраи вогиршиносӣ ва бемориҳои сироятии МДТ “Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”);
- Солиев Алиҷон Азимҷонович – номзади илмҳои тиббӣ (муовини директори муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО”).

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” ва Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои тиббӣ, директори
МД “Маркази ҷумҳуриявии мубориза
бо бемориҳои тропикӣ”-и ВТ ва ҲИА ҶТ Каримов С.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои тиббӣ, профессори кафедраи
вогиршиносӣ ва бемориҳои сироятии
МДТ «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» Нуров Р.М.

Доктори илмҳои тиббӣ,
профессори кафедраи фтизиопулмонологияи
МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” Сироҷидинова У.Ю.

«17» апреля соли 2025

имзо/подпись Сироҷидинова У.Ю-ро
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«17» 04 2025 с/г